# Шарҳи моҳонаи таваррум • Август 2020

**Идомаёбии муътадилии сатҳи нархҳо тайи чор моҳи охир (май-августи с. 2020) дар ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шуда, сатҳи таваррум дар моҳи августи соли равон 0,2 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,7 банди фоизӣ (б.ф.) паст мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 0,7 фоиз (0,1 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ пастравии нархи маҳсулотҳои хӯрокворӣ ба қайд гирифта шуд, ки -0,3 фоиз (-0,2 б.ф.)-ро ташкил дод.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи августи соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ 4,6 фоиз (бахусус гази моеъ 6,9 фоиз ва бензини АИ-92 5,0 фоиз), маводи шустушӯӣ 1,6 фоиз, либос ва пойафзол 0,9 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 0,7 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии маориф ба андозаи 1,2 фоиз ва манзилию коммуналӣ 1,4 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар арзоншавии нархи маҳсулотҳои серистеъмоли аҳолӣ, ки ҳиссаи онҳо дар сабади истеъмолӣ намоён мебошанд, аз қабили картошка 11,6 фоиз, помидор 8,4 фоиз, бодиринг 4,1 фоиз, сабзӣ 1,1 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуданд.

Раванди мазкур асосан дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди баъзе аз гурӯҳи маҳсулоти хӯрокворӣ дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровони мавсими баҳорӣ ва тобистона, ки ба муътадилии сатҳи талаботу таклифот замина гузошт, ба амал омад.

Тибқи маълумоти омори кишоварзӣ дар ҳашт моҳи соли равон дар ҷумҳурӣ беш аз 1,5 млн. тонна сабзавот истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,2 фоиз зиёд мебошад.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи августи соли ҷорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба 7,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензин АИ-92 ва гази моеъ, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**ба моҳи қаблӣ 0,7 б.ф. ва ҳамин давраи соли гузашта 1,6 б.ф. паст мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби дар давоми моҳҳои март-июни соли равон аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таварруми солона, асосан омилҳои таклифотии вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ, паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ, инчунин таъсири омилҳои мавсимӣ замина гузошт.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи августи соли ҷорӣ 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,4 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ, аз қабилӣ либос ва пойафзол, маводи шустушӯӣ ва доруворӣ саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

| Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)* | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | 2020 | | | | Август моҳона бо фоиз |
| | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Июл | Август | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизатрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **7,7** | **7,0** | **0,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **9,7** | **8,2** | **-0,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 23,9 | 23,2 | -0,1 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | 0,6 | 1,3 | 0,7 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 33,1 | 32,1 | -0,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 9,2 | 6,0 | 1,0 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 9,8 | 5,5 | 1,0 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | 12,8 | -0,7 | -1,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 8,3 | 0,8 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 12,8 | 12,6 | 0,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 5,9 | 5,1 | -0,4 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 9,9 | 9,8 | -1,1 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,2 | -5,3 | -2,2 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | -3,9 | -2,4 | 0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -0,3 | -0,3 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **2,8** | **3,0** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **3,4** | **4,3** | **0,7** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,3** | **5,8** | **0,9** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 3,7 | 3,7 | 0,9 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 7,6 | 7,2 | 0,8 |
| Моводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 6,4 | 7,9 | 1,6 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 13,7 | 13,1 | 0,2 |
| Сӯзишвории наклиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -3,1 | 2,1 | 4,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 4,4 | 9,1 | 0,5 |
| Васоити наклиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,4 | 2,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 9,1 | 7,6 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **6,6** | **5,7** | **0,7** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 14,6 | 16,7 | 1,4 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 26,8 | 39,6 | 6,6 |
| Наклиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 1,5 | -3,7 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 8,6 | 0,2 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 2,3 | 1,2 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 1,9 | 0,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 2,3 | 0,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо